«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ., дотсент
_____________ Сафарзода М.В.
«_20_» _06_ соли 2025

# ХУЛОСАИ

## ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи докторанти (PhD)-и кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ иҷро шудааст.

Саидзода Қурбоналӣ Саид соли 2009 ба ихтисоси «Иқтисодиёт ва идора дар корхона»-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2013 хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи муассисаи мазкур аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт ва идора дар корхона» дохил шуда, соли 2015 зинаи мазкурро бо дараҷаи магистрии «Иқтисодиёт» аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт ва идора дар корхона» хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 09.09.2016, №1073А ба ҳайси докторанти (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории муассисаи мазкур қабул гардида, зинаи мазкурро бо фармоиши ректори донишгоҳ аз 17.06.2019, №1092 хатм намудааст.

Мавриди қайд аст, ки бо назардошти номувофиқатии ихтисоси хатмкардаи докторант **(6D050600 – Иқтисодиёт)** ба ихтисоси диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшаванда **(6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ))** Саидзода К.С. дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 16.05.2025, №07(48) 02-264) фарқияти академии ихтисосҳои болозикро супоридааст.

Мавзуи рисолаи илмии докторанти (PhD) Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии

иқтисодиёт)» зери роҳбарии Қурбонов Абдулҳайт Каримович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 27.02.2017, суратҷаласаи №7, тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ аз 18-уми июни соли 2025 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» чунин хулоса қабул карда шуд:

– Мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии (6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқ мебошад;

– Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Қурбоналӣ Саид «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» яке аз самтҳои афзалиятноки илми иқтисодӣ, аз ҷумла иқтисодиёти соҳибкориро ташкил медиҳад.

– Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 22 мақолаи илмӣ, ки 9 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13-тои он дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва маҷмуаи маводи конференсияҳои илмӣ, амалию назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расида, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд;

– Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми омӯзиш ва таълими фанҳои тахассусии ташкил ва банақшагирии истеҳсолот, асосҳои соҳибкорӣ, таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ, иқтисоди корхонаҳо, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин зимни таҳияи адабиёти таълимӣ аз фанҳои мазкур истифода бурда мешаванд.

– Саҳми диссертант дар он зоҳир мегардад, ки дар муддати 7 сол дар ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи ҷамъовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмии худ машғул шуда, дар ин самт мақолаҳои илмӣ таълиф намуда, дар конференсияҳои сатҳи гуногун бо маърӯзаҳои илмӣ суханронӣ кардааст.

Диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар

Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси (6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5,4 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт [Матн] / Саидзода Қ.С., Қурбонов А.К. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе, 2024. – №7.- С. 194-203. **ISSN 2413-5151.**

[2-М]. Арзёбии вазъи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт [Матн] / Саидзода Қ.С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ).- Душанбе, 2024. – №7.- С. 121-128. **ISSN 2413-5151.**

[3-М]. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт [Матн] / Саидзода Қ.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.-ш. Бохтар , 2023. - №1-4 (116), Қисми 2. – С. 187-193. **ISSN 2663-5534.**

[4-М]. Таҳлили муқоисавии соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии иқтисодиёт [Матн] / Саидзода Қ.С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе: “СИНО”, 2024. –№1. - С. 122-134. **ISSN 2413-5151.**

[5-М]. Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии иқтисодиёт [Матн] / Саидзода Қ.С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва

ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ). –Душанбе, 2023. – №11. -С. 89-100. **ISSN 2413-5151**.

[6-М]. Роҳҳои такимилдиҳии механизми дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар бахши соҳибкории кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Саидзода Қ.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 3 (48) – С. 267-274. **ISSN 2308-054X.**

[7-М]. Таҳлили вазъи муосири соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Саидзода Қ.С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ). (Қисми 1).- Душанбе, 2020. – №9. - С. 187-193. **ISSN 2413-5151.**

[8-М]. Рушди шаклҳои хурд ва миёнаи соҳибкоии аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Саидзода Қ.С., Зиёев З.М // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. (маҷаллаи илмӣ). Душанбе, 2018. –№9. - С. 92-96. **ISSN 2413-5151.**

[9-М]. Анализ эффективности развития малых и средних форм предпринимательство в АПК Хатлонской области [Текст] / Саидзода Қ.С., Каджкулоев А.Ф. // Весник КГУ им. Н. Хусрав (научный журнал). – Курган-Тюбе, 2017. - №1-3 (47-2017). – С. 150-156. **ISSN 2663-5534.**

**II.Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[10-М]. Таҳлили рушди нишондиҳандаҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт [Матн] / Саидзода Қ.С. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ташаккули «Иқтисоди сабз» ҳамчун омили рушди устувори иқтисоди миллӣ».-ш. Кӯлоб, 2024. – С. 200-204.

[11-М]. Роҳҳои такмилдиҳии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт [Матн] / Саидзода Қ.С. конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2024 ва вазифаҳо барои соли 2025 , (Кӯлоб, 4-13-уми апрели соли 2024) С. 42-47.

[12-М]. Таҷрибаи мамолики хориҷӣ оид ба низоми маркетинг ва имкониятҳои истифодаи он дар иқтисодиёти аграрии Тоҷикистон [Матн] / Саидзода Қ.С., Ҳасанова Ф. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ».-ш. Кӯлоб, 2023. – С. 71-74.

[13-М]. Ташкили механизми рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт [Матн] / Саидзода Қ.С. // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили муҳимми таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир», (Кӯлоб, 9-10.06.2023). – С. 438-444.

[14-М]. Таҳлили вазъи имрузаи рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Саидзода Қ.С.,

Мирзоев М.С. / Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ», (ДМТ, 25-уми феврали соли 2021). - Душанбе, 2021. – С. 163-168.

[15-М]. Ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Саидзода Қ.С. / Конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ташкили сиёсати кластерӣ ҳамчун асоси самаранокии инноватсионӣ ва рақобатпазирии минтақа», 15-16-уми декабри 2017.–ш. Кӯлоб, 2017. – С. 112-121.

[16-М]. Декханские хозяства как аграрная форма предпринимательства. [Текст] / Саидзода Қ.С., Курбонов А.К. / Конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ташкили сиёсати кластерӣ ҳамчун асоси самаранокии инноватсионӣ ва рақобатпазирии минтақа», 15-16-уми декабри 2017.-ш. Кӯлоб, 2018. – С. 133-139.

[17-М]. Омилҳои баландбардории истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ [Матн] / Саидзода Қ.С., Нодирова Ф. / Конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ҷавонон ва масоили рушди молиявии ҷомеа», 19-уми майи соли 2017. -ш. Кӯлоб, 2017. – С. 114-117.

[18-М]. Рушди соҳибкории хурд ва миёна дар инкишофи иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Саидзода Қ.С., Парвизи Ш. / Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ ва соли ҷавонон таҳти унвони «Рушди босуботи комклекси агросаноатӣ-омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», 12-13-майи соли 2017. - Қурғонтеппа, 2017. – С. 104-106.

[19-М]. Методика расчета дополнительной заработной платы и прибыли в арендных хозяйствах [Текст] / Саидзода Қ.С., Қурбонов А.К. // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран ЦА. – Бишкек, 2017. - №3 (18). – С. 145-147.

[20-М]. Дурнамои сармоягузорӣ ба соҳаҳои истеҳсолот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Саидзода Қ.С. / Конференсияи Ҷумҳурияии илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ давр рушди иқтисоди миллӣ», (27-29 майи соли 2016).- Душанбе: «ПРОМЭКСПО», 2016. – С. 275-279.

[21-М]. Дастгирии давлатии соҳибкории хурд ва инкишофи бизнеси хурд [Матн] / Саидзода Қ.С., Шаҳнозаи С. / Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, (маҷаллаи илмӣ). -№ 2 (15). - 2016, Душанбе: «ПРОМЭКСПО», 2016. – С. 122-126.

[22-М]. Имкониятҳои соҳибкорон нисбати пайдо кардани ниҳоли солим барои бунёди боғҳои ҷавон [Матн] / Саидзода Қ.С., Шаҳнозаи С. / Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ (маҷаллаи илмӣ).- №1 (14). – 2016. – С. 144-148.

ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар

Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи «18» 06 соли 2025, №11 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-19 нафар, «зид»- нест, «бетараф»- нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент,
мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо
ва соҳибкорӣ: Назаров М.С.

**Котиби илмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими
калон, муовини декан оид ба илм, инноватсия
ва муносибатҳои байналмилалӣ: Абдулов Д.Н.

Имзоҳои М.С. Назаров ва Д.Н.Абдуловро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Телефон: (+992 33-22) 2-35-06, 2-35-09,
E-mail:info@kgu.tj

«18» 06 соли 2025